**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 - и назди Донишгоҳи давлатии Данғара оид ба диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.**

Мавзуи диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна ба омӯзиш ва пажуҳиши «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» бахшида шудааст. Диссертант бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи ҳунари эҷодӣ, бахусус, пажуҳиши ашъор, муайян кардани мавзуъ, шакл, сохтор, маъниву мазмун ва нишон додани навъҳои шеърии эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом додааст. Ӯ, ҳангомиомӯзиши мавзуъ диққати асосиро ба масъалаи хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори шоир равона намудааст.

Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва Ҷоизаи адабии ба номи Чингиз Айтматов-Муҳаммад Ғоиб ним аср боз дар ҷодаи адабиёт заҳмат кашидаву маҳсули эҷодаш ба қалби хурду бузург ҷой гирифта, хонандаи тоҷик ба осори пурмаънову пурғановати ӯ ҳанӯз дар замони соҳибистиқлолии кишвар ошноии бештар пайдо намудааст. Вале таҳқиқотҳо собит месозанд, ки паҳлуҳои гуногуни осори шоир то имрӯз аз ҷониби адабиётшиносон ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

Лозим ба зикр аст, ки мавзуи тараннуми зебоиҳою муҳаббати ватан ва ободкориҳои меҳан дар эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб ҷойгоҳи хосса дорад. Ҳамин аст, ки ӯ ҳамчун шоири Ватансаро байни хонандагон маҳбубияти вежа дорад. Метавон гуфт, ки шеъри Муҳаммад Ғоиб ифшокунанда ва вассофи орзуву армони халқ, ҳувияти миллӣ ва ҳолати иҷтимоии мардумон мебошад.

Муҳимтар аз ҳама, ашъори шоир, ки бо забони равону суфта ва малеҳу ширин пешкаш мешавад, доираи васеи хонандагон, хурду бузург, онро ба осонӣ дарк менамоянд. Маҳз ҳамин паҳлуи эҷодиёти шоир аст, ки ҳамагон ба эҷодиёти шоир таваҷҷуҳи хосса доранд, ашъорашро бештар мехонанду меписананд ва аз он ғизои маънавӣ мегиранд.

Яке аз омилҳои асосии интихоби мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» аз тарафи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна арзиши сухани бадеии шоир ва эҷодиёти пурғановати вай мебошад.

Диссертант, дар таҳқиқоти хеш, кӯшиш намудааст, ки роҷеъ ба масъалаҳои вобаста ба мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» андешаҳои комили илмӣ пешниҳод намояд. Андеша ва орои диссертант дар мавзуи мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи мукаммал ба ҳисоб меравад. Дар он масъалаҳои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» ва мушкилоти ба он вобаста мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Аз ҳамин лиҳоз, омӯзиши мавзуи мазкурро муҳим ва саривахтӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Аз равиши таҳқиқоти анҷомдода маълум мегардад, ки диссертант пажуҳиши хешро дар асоси тамоми ашъори рӯийчопомадаи шоир анҷом додааст. Диссертант қайд менамоянд, ки ҳарчанд роҷеъ ба шахсият ва осори Муҳаммад Ғоиб дар адабиётшиносии тоҷик корҳои арзишманди илмӣ ба сомон расида бошанд ҳам, муҳаққиқон ба мавзуи хусусиятҳои бадеӣ ва махсусан ба дарки воқеии сабку услуб, мавзуъҳои асосии ашъори шоир камтар таваҷҷуҳ зоҳир нашудааст.

Дар диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна доир ба андешаҳои адабиётшиносони ватанӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла Соҳиб Табаров, Аламхон Кӯчарзода, Маъруф Раҷабӣ, Муҳаммадюсуф Имомзода, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Мисбоҳиддини Нарзиқул, Солеҳ Қосимзода, Салими Хатлонӣ, Камол Насрулло, Умар Сафар ва муҳаққиқони хориҷӣ: Алиасғари Шеърдӯст, Доктор Шамсулҳақи Ориён роҷеъ ба маҳорати эҷодии М. Ғоиб ва хусусиятҳои бадеию ғоявии ашъори шоир фикрҳои ҷолибу арзишманд арз намудааст. Бо мақсади таҳлили амиқи мавзуи мавриди назар унвонҷӯ дар диссертарсия мулоҳизаву хулосаҳои баровардаи хешро бо мисолҳои фаровон аз ашъори шоир тақвият бахшидааст. Ба масъалаҳои шакл, сабки нигориш, забон ва тарзи баён, ҷойгоҳи шаклҳои гуногуни тарзи баён ва маҳорати суханварии шоир низ дар таҳқиқоти анҷомёфта аҳаммияти хосса зоҳир гаштааст.

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар ашъори шоир ҳадафи асосӣ - мақсаду маром, хоҳиш, вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии замон мебошад. Дар шеърҳои лирикии М. Ғоиб эҳсоси муаллиф, ки қаҳрамони асосии он мебошад, орзу ва омоли шахсии ӯ хуб ҳувайдо мегардад. Ва чунин тарзи ифодаи фикр мақсад ва ғояи абёти офаридаи шоирро муайян менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои солҳои 2021-2025 анҷом ёфтааст.

Диссертатсия ва автореферати Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ Қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир» (Душанбе, 2022) ва конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: Назарияи методҳои тарҷуманопазирӣ» (Душанбе, 2024) муаррифӣ ва дар шакли маъруза баён шудаанд. Инчунин, фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расида, теъдоди умумии онҳо 8 адад, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Автореферати диссертатсия ва маколаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои таҳқиқоти анҷомёфта мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар матни диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфтаанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Раҷабалиева Шаҳло Раҷабалиевна дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва ғоявии ашъори Муҳаммад Ғоиб» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 – и назди

Донишгоҳи давлатии Данғара тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниход менамояд:

- **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ,
- **Аҳмадов Сафармад Гадомадович**– номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адбиёти ба номи Рӯдакии АМИТ** пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 - и назди Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

Доктори илми филология, узви шурои диссертатсионӣ Асозода Ҳ. Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илми филология, узви шурои диссертатсионӣ Ғаффорзода Ш. Ҳ.

Номзади илмҳои филология, узви шурои диссертатсионӣ Давлатов У.

“28” октябри соли 2025.

ШУЪБАИ КАДРҲО